**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ **Шарифзода М. М.**
**«16» 11 2022с.**

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ пешниҳод мегардад.

Рофиева Азиза Ҳамдамовна аз соли 2019 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад (протоколи №8 аз 28.02.2019).

Роҳбари илмӣ Сангинзод Дониёр Шомаҳмад, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ тасдиқ шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2022 (протоколи № 2) баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи « Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Арзёбии диссертатсияи унвонҷӯ.** Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна мубрам буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ

доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гаштааст.

Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок мегардад, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории оилавӣ яке аз соҳаҳои муҳими рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ буда, доимо такомули қонунгузорӣ, беҳтар намудани фазои амалисозиро тақозо менамояд. Бо дарки муҳимияти падидаи оила дар ташаккул ва пешрафти давлат ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ баъд аз ба даст овардани истиклолияти давлатӣ дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи кафолати ҳимояи давлатии оила ҳамчун асоси ҷамъият ва амалишавии ҳуқуқи ҳар шахс ба ташкили оила қувваи конститутсионӣ касб намуд. Мақсади асосии таҳкими заминаҳои иҷтимоию иқтисодии оила таъмини болоравии сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии ҳар як оила дар асоси шуғли доимӣ, ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ, бозомӯзии касбӣ ва иштироки фаъолона дар рушди ҳамаи соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.

Соҳибкории оилавӣ сарфи назар аз миқёси фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, дараҷаи тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ ва рушди бозорӣ асоси ҳаёти корпоративии ҳамаи мамлакатҳо буд ва дар айни ҳол асоси тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ боқӣ мемонданд. Таърихан ширкатҳои оилавӣ дар аксар маврид институтҳои устувор буданд. Муҳимияти онҳо монанди пешрафтҳои иҷтимоию фарҳангӣ, технологӣ ва тартиботи нави бозор бо назардошти ҷаҳонишавӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории оилавӣ дар асоси қонунгузорӣ мушаххас муқаррар нашудааст ва ба таври дахлдор ба рушд намудани он мусоидат наменамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 ибораи "соҳибкории оилавӣ" ва ё "хоҷагии оилавӣ" умуман ҷой

надорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107 ибораи “соҳибкории оилавӣ” ҳато пешбинӣ нагардидааст. Дар шароити имрӯза реҷаҳои махсуси танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ суст инкишоф ёфтаанд ва оид ба дастгирии соҳибкорони оилавӣ ташаббусҳо нокифояанд. Механизмҳои маблағгузории соҳибкории оилавӣ вуҷуд надоранд, сарчашмаҳои маблағгузории стартапҳо маҳдуд мебошанд, системаҳои махсуси андозӣ, инчунин барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ дар асоси технологияи баланд вуҷуд надоранд.

Бар муқобили нуқсони қонунгузорӣ дар самти мазкур дар амалияи Тоҷикистон соҳибкории оилавӣ ҷой дорад. Соҳибкории оилавӣ дар кишвар ҳамагӣ 20 сол пеш маъмул шуд. Соҳибкории оилавӣ имрӯз, шояд дар ҳама ҷо ва барои ҳама дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз намояндагони қишрҳои болоии ҷомеа то шаҳрвандони оддӣ рушд мекунад. Аз ин рӯ, ба сомон расонидани таҳқиқоти комплексии диссертатсионӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон саривақтӣ ва мубрам мебошад.

**Мақсади тадқиқот** ба мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқотро ифода мекунад.

**Вазифаи тадқиқот** вобаста аз мақсади гузошташуда аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳлилу барасии табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ;

- муайян намудани низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунандаи рушди соҳибкории оилавӣ;

- таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа;

- тадқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ;

-омузиши заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

- муайян намудани мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ;

- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотӣ ва ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварӣ ҳамчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар кишвар масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмиест, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти маҷмаавӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба амал бароварда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Барои ҳимоя нуктаҳои зерини илмӣ, ки навоварии илмии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд, пешкаш карда мешавад:

1. Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ

таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.

2. Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақкал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.

3. Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амалӣ гардида, шароити ҳуқуқӣ баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

4. Субъектони соҳибкории оилавӣ ба 2 гуруҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

5. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намояд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

6. Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

7. Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд.

8. Механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии давлатӣ бархурдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектони соҳибкории оилавӣ некӯаҳволии худро беҳтар созад. Бешубҳа, соҳибкории оилавӣ дар мамлакати мо дар шароити муосир бояд аз ҷониби давлат ва доираҳои бузурги соҳибкорӣ бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила низ кӯмакҳои гуногун расонида шаванд.

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилаҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд.

10. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

10.1. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

10.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ;
- соҳибкории иҷтимоӣ;
- соҳибкории оилавӣ;
- соҳибкории стратегӣ;
- соҳибкории инноватсионӣ;
- соҳибкории зеҳнӣ;
- соҳибкории экологӣ;
- соҳибкории виртуалӣ”.

10.3. Бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо маколаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасниф мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки метавонад ҳам аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ки танзими фаъолияти субъектони соҳибкории оилавиро амалӣ менамоянд, ҳам аз ҷониби субъектони хоҷагидории Тоҷикистон, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ мебошанд, истифода бурда шаванд. Натиҷаи тадқиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию тачрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Далелҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар ин рисола овардашуда дар 1 кори монографӣ, 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида иборат мебошад.

Кори монографӣ:

1. Рофиева А. Ҳ. Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистони муосир. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо. Монографияи дастаҷамъона / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Б. О. Самадов. – Хуҷанд, Ношир, 2022. – С. 162-179.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

1. Рофиева А.Ҳ. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ оид ба соҳибкории оилавӣ// Ҳаёти ҳуқуқӣ, 2021. - №4 (36). - С. 100-118.

2. Рофиева А.Ҳ. Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон, 2022. - №2 (26). - С. 117-133.

3. Сангинов Д.Ш., Рофиева А.Ҳ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ // Қонунгузорӣ, 2022. - № 4(48). – С. 56-64.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

1. Рофиева А.Ҳ. Озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ кафолати ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи шахс // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод». 11 октябри 2019 с. – Душанбе, 2019. – С . 113-116.

2. Рофиева А.Х. Основные принципы земельного законодательства и особенности их реализации // Республиканской научно-практической конференции на тему: «Вопрсы развития и совершенствования земелного законодательства Республики

Узбекистан» Ўзбекистон Республикаси адлия вазирлиги, Тошкент давлат юридик институти. Тошкент – 2019. – С. 139-143.

3. Рофиева  А.Ҳ. Масъалаҳои таъмини ҳуқуқи занон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофики қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // III-юмин конференсияи илми-назариявии байналмилалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (10.12.2020.) - Душанбе, 2020. – С. 282-286.

4. Рофиева  А.Ҳ. Сайёҳӣ ва масъалаҳои такомули қонунгузории он дар Тоҷикистони муосир // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8– уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири докторҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 258-264.

5. Рофиева  А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар рушди саноатикунонии кишвар // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ" (14.11.2020.). - Кулоб, 2020. – С. 440-443.

6. Рофиева  А.Ҳ. Хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон// Форуми ҷумҳуриявии иқтисодии ДДҲБСТ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" (11.12.2020.). - Хучанд, ДДҲБСТ, 2020. – С. 311-315.

7. Рофиева А.Ҳ. Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди конунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои

алоҳидаи соҳибкорӣ» (7-уми октябри соли 2021). - Душанбе, 2021. – С. 452-463.

8. Сангинов Д.Ш., Рофиева А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ// Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ. Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амали ҷумҳуриявӣ. - Душанбе, 2021. – С. 135-137.

9. Сангинов Д.Ш., Рофиева А.Ҳ. Танзими ҳуқуқии рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ дар Тоҷикистони муосир // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. №1, 2022. – С.175-185.

Дар маҷлиси васеи шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ҳайати муқарризон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавлоназаров О.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании ва меҳнатӣ Очилова Ф. А. баромад карданд.

Нисбати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ пешниҳод гардидааст, тадқиқоти илмӣ-тахассусии самти ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ мегардад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад.

2. Бо дарназардошти аҳамияти илмӣ ва назариявӣ, амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Дониёр Шомаҳмад, муқарризони холис н.и.ҳ., дотсент Мавлоназаров О.А., н.и.ҳ., муаллими калон Очилова Ф. А., инчунин баромади иштирокдорони маҷлис диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА– 018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ ба декани факултет, раиси маҷлис, н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш. А. гузошта мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиноси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон якдилона қабул карда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
“тарафдор” – 17 нафар,
“зид” – нест,
“бетараф” – нест.

Протоколи № 3 аз 29 октябри соли 2022.

Раиси маҷлиси
Шӯрои олимони факултети
ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ,
н.и.ҳ., дотсент — Тоҷибоев Ш. А.

Котиби маҷлис — Кабирзода Г. Қ.

ДДҲБСТ
имзои ... тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо

**Муқарризони холис:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Мавлоназаров О.А.**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калон **Очилова Ф. А.**

Имзоҳои н.и.ҳ., дотсент Тоҷибоев Ш.А., н.и.ҳ., муаллими калон Очилова Ф. А. ва Кабирзода Г. Қ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон **Мирпоччоев И. Ҳ.**

31 октябри 2022

Имзои н.и.ҳ., дотсент Мавлоназаров О.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавкиев Э. Ш.**

19.11.22

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1. ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj